**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 12.06.2024, № 3

Барои сазовор донистани Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.

Диссертатсия дар мавзуи «Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X» аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқотии таърихӣ санаи 29-уми январи соли 2024, суратмаҷлиси № 2 дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7.01.2022, №24/шд) ба ҳимоя қабул гардида, шурои диссертатсионӣ 29.04.2024 ва 07.06.2024 дар бораи иваз намудани санаи ҳимоя қарори дахлдор қабул кардааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич 22-юми июли соли 1982 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2004 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси муаррих – архившинос хатм намудааст. Диссертант Ғуломов Т.М. аз соли 2005 дар кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърих ба ҳайси аспирант, ассистент, муаллими калон, дотсент, ҳамзамон, муовини декан оид ба таълим кор карда, аз соли 2014 инҷониб дар вазифаи мудири кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносӣ фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

**Муқарризони расмӣ: Саидов Абдуқаҳҳор** – доктори илмҳои таърих, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, **Ҳақназаров Абдуназар** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва **Қурбонов Баҳром Раҳмонович** – доктори илмҳои таърих, профессор, ноиби

ректор оид ба таълими Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам – Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд..

**Муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»** дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи мазкур, доктори илмҳои таърих Турсунов Бустон Раҳмонович ва мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик, номзади илмҳои таърих, дотсент Маҳмудова Назира Солихуҷаевна имзо ва аз ҷониби ректори муассиса, доктори илмҳои таърих, профессор Усмонзода Аюб Ислом тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дар мавзуи «Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X» бо дарназардошти навгонии илмӣ, мубрамият, аҳаммияти назариявӣ ва амалиаш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Рисола дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, муаллифи он Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатхи навгонии илмии кори диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назарию амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, маколаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия 3 монография ва 29 мақола чоп намудааст, ки аз ин теъдод 18 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 11 мақола дар маҷмуаҳои илмии дигар ба нашр расидаанд. Интишороти довталаби дараҷаи илмӣ нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Монографияҳо:**

[1-М]. Гуломов, Т.М. Этнорелигиозные и этнокультурные процессы принятия ислама в Центральной Азии [Текст] / Т.М. Гуломов. – Душанбе, Сино, 2014. – 157 с.

[2-М]. Гуломов, Т.М. Распространение ислама в Хорасане и Мавераннахре в VII-VIII вв. По сведениям исторических источников [Текст] / Т.М. Гуломов. – Душанбе: Сино, 2016. – 200 с.

[3-М]. Ғуломов, Т.М. Густариши ислом дар Хуросони Бузург: дар асрҳои VII-X [Матн] / Т.М. Ғуломов. – Душанбе: Хирадмандон, 2020. – 301 с.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[4-М]. Ғуломов, Т.М. Ҷойгоҳи вақф дар густариши улум ва таъсиси китобхонаҳо дар асри Сомониён [Матн] / Т.М. Ғуломов, Фараҳнози Кӯҳан // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2012. – №3/7 (99). – С. 54-57.

[5-М]. Ғуломов, Т.М. Саҳми донишмандони тоҷик дар ташаккули улум ва фарҳанги исломӣ [Матн] / Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2017. – №3/2. – С. 159-163.

[6-М]. Ғуломов, Т.М. Инъикоси авомили истиқрори ислом дар Мовароуннаҳр тибқи сарчашмаҳои таърихии асрҳои IX-XII [Матн] / Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2017. – №3/3. – С. 121-125.

[7-М]. Ғуломов, Т.М. Раванди ташаккулёбии донишҳои таърихӣ ва шеваҳои таърихнигории исломӣ дар асрҳои VIII-X [Матн] / Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2020. – №9. – С. 86-91.

[8-М]. Гуломов, Т.М. Захват арабами основных центров Сасанидской империи и падение государство [Текст] / Т.М. Гуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргадон ва тарҷума, 2021. – № 1. – С. 5-12.

[9-М]. Гуломов, Т.М. Роль иранских народов в распространении ислама [Текст] / Т.М. Гуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2021. – №2. – С. 5-13.

[10-М]. Гуломов, Т.М. Утверждение новой ценностной парадигмы в социально-религиозной жизни народов Центральной Азии [Текст] / Т.М. Гуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2021. – №3. – С. 12-20.

[11-М]. Гуломов, Т.М. Традиционные культуры и религиозные верования народов древнего Ирана в контексте исторического развития [Текст] / Т.М.

Гуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2021. – №4. – С. 5-13.
[12-М]. Ғуломов, Т.М. Инъикоси раванди исломигардонӣ ва исломпазирии бумиёни Хуросону Мовароуннаҳр дар сарчашмаҳои таърихӣ [Матн] / Т.М. Ғуломов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – №1 (013). – С. 26-32.
[13-М]. Ғуломов, Т.М. Бозтоби мубориза̄ҳои озодихоҳонаи мардумони бумии Хуросон бар зидди истилогарони араб дар манбаҳои асримиёнагии форсӣ [Матн] / Т.М. Ғуломов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – №2 (014). – С. 36-43.
[14-М]. Ғуломов, Т.М. Заминаҳои динӣ-фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии паҳншавии ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр [Матн] / Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2022. – №1. – С. 49-54.
[15-М]. Ғуломов, Т.М. Бозтоби мубориза̄ҳои озодихоҳонаи мардумони бумии Мовароуннаҳр бар зидди истилогарони араб дар манбаҳои асримиёнагии форсӣ [Матн] / Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2022. – №2. – С. 22-32.
[16-М]. Ғуломов, Т.М. Раванди ташаккули мазҳаби ҳанафия ва мактабҳою ҷараёнҳои он дар Хуросону Мовароуннаҳр [Матн] / Т.М. Ғуломов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – №4 (014). – С .64-72.
[17-М]. Ғуломов, Т.М. Таърихи мубориза̄ҳои мазҳабӣ ва ташаккули ҳанафия дар замони Сомониён [Матн]: тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ / Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2022. – №5. – С. 33-43.
[18-М]. Ғуломов, Т.М. Нақши мазҳаби ҳанафия дар ташаккули ҳувият ва арзишҳои миллии тоҷикони Мовароуннаҳру Хуросон [Матн] / Т.М. Ғуломов, А.А.Шамолов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2022. – №6. – С. 14-27.
[19-М]. Гуломов, Т.М. Роль социально-политической и культурной деятельности мыслителей Хорасана и Мавераннахра в развитии и адаптации ислама [Текст] / Т.М. Гуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2022. – №7. – С. 5-14.

[20-М]. Муллоҷонов, С.К., Ғуломов, Т.М. Хуросону Мовароуннаҳр дар остонаи қудратёбии Сомониён [Матн] / С.К. Муллоҷонов, Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2023. – №1. – С. 5-14.

[21-М]. Ғуломов, Т.М. Нақши муборизаи Абумуслими Хуросонӣ дар сарнавишти халқи тоҷик [Матн] / Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2023. – №8. – С. 5-12.

**III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои дигар чоп шудаанд:**

[22-М]. Ғуломов, Т.М. Саҳми мутафаккирони тоҷик дар ташаккули тамаддуни исломӣ ва муколамаи тамаддунҳо [Матн] / Т.М. Ғуломов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Ҷаҳонишавӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо дар замони муосир» бахшида ба 28-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25-солагии Конститутсияи ҶТ ва 22-солагии Ваҳдати миллӣ (17-18-майи соли 2019. ДДБ ба номи Носири Хусрав). – Бохтар, 2019. – С. 256-263.

[23-М]. Ghulomov, T.M. Evolution of religious consciousness: from zoroastrism and other ethnoreligious beliefs and religions to islam [Text] / T.M. Ghulomov // Scientific Collection «InterConf», (39): with the Proceedings of the 8th International Scientific and Practical Conference «Science and Practice: Implementation to Modern Society» (December 26-28, 2020). – Manchester, Great Britain: Peal Press Ltd., 2020. – P. 698-706.

[24-М]. Ghulomov, T.M. Socio-political and cultural activities of thinkers of Khorasan and Maverannahr in the development and adaptation of islam [Text] / T.M. Ghulomov // Социально-политическая и культурная деятельность мыслителей Хорасана и Мавераннахра в развитии и адаптации ислама. // Scientific Collection «InterConf», (48): (April 4-5, 2021). – USA: Washington, EnDeavours Publisher, 2021. – P. 361-365.

[25-М]. Ғуломов, Т.М. Вазъи сиёсии шоҳаншоҳии Сосонӣ дар арафаи ҳуҷумҳои аъроб ва инъикоси он дар манобеи таърихии асрҳои IX-XII [Матн] / Т.М. Ғуломов // Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявии «Масоили мубрами манбаъшиносии муосир» (12 ноябри соли 2016). – Душанбе, 2016. – С. 72-82.

[26-М]. Ғуломов, Т.М. Саҳми донишмандони тоҷик дар ташаккули улум ва фарҳанги исломӣ [Матн] / Т.М. Ғуломов // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамолики араб: марҳила, афзалият ва зарурияти ҳамкориҳо» ( 18 ноябри соли 2016). – Душанбе, 2016. – С. 52-61.

[27-М]. Ғуломов, Т.М. Инъикоси омилҳои исломпазирии бумиёни Хуросони Бузург дар сарчашмаҳои таърихии асрҳои IX-XII [Матн] / Т.М. Ғуломов // Масоили муҳимми таърихнигории муосири тоҷик. Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-солагии Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии ҶТ (ш. Душанбе, 22 ноябри соли 2017). – Душанбе, 2017. – С. 120-128.

[28-М]. Ғуломов, Т.М. Инъикоси мубориза҃ои миллӣ-озодихоҳонаи халқи тоҷик дар осори С. Айнӣ [Матн] / Т.М. Ғуломов // Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Саҳми Садриддин Айнӣ дар эҳёи таърих ва фарҳанги халқи тоҷик» бахшида ба 140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ (22 ноябри соли 2018). – Душанбе, 2018. – С. 104-112.

[29-М]. Ғуломов, Т.М. Проблемаҳои муосири фаъолияти бойгонидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамо [Матн] / Т.М. Ғуломов // Масъалаҳои мубрами бойгоншиносии муосири тоҷик: мушкилот ва дурнамо. Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 90-солагии Хадамоти бойгонӣ дар Тоҷикистон ва 20-солагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ» (22 ноябри соли 2019). – Душанбе, 2019. – С. 10-16.

[30-М]. Ғуломов, Т.М. Ташкили ҶМШИ Тоҷикистон-ташаббуси фарзандони фарзонаи миллат [Матн] / Т.М. Ғуломов // Тоҷикистон дар масири таърих. Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 95-солагии Эъломияи таъсисёбии ҶМИШ Тоҷикистон (12 марти соли 2020). – Душанбе, 2020. – С. 69-74.

[31-М]. Ғуломов, Т.М., Неъмонов, Б.З. Раванди ташаккулёбии донишҳои таърихӣ ва шеваҳои таърихнигорӣ дар аҳди Сомониён [Матн] / Т.М. Ғуломов, Б.З. Неъмонов // Суннатҳои Сомониён ва таъсиргузории он дар фарҳангу тамаддуни мардумони Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик. Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявии кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносӣ, (14 марти соли 2020). – Душанбе, 2020. – С. 254-263.

[32-М]. Ғуломов, Т.М. Абурайҳон Берунӣ – ахтари тобноке дар самои улуми ҷаҳон [Матн] / Т.М. Ғуломов // Абурайҳон Берунӣ – ахтари тобноке дар самои улуми ҷаҳон. Маводи конфронси илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 1050-солагии Абурайҳон Берунӣ (ш. Душанбе, ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 20 майи соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 349-357.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Сарходими илмии шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ, узви вобастаи АМИТ доктори илмҳои таърих, профессор **Пирумшоев Ҳ.** Тақриз мусбат буда, 4 эрод дорад. Эродҳо чунинанд: 1) Дар муқаддима, дар саҳифаи 3-юм омадааст, ки: «арабҳо шоҳаншоҳии бузург (Сосониён)-ро на танҳо аз байн бурданд, балки низоми нави сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро тавассути ойинаи навини хеш дар амал татбиқ сохтанд»! Ин дар ҳолест, ки дар манобеъ ва адабиёти илмӣ зикр шудааст, ки низоми идории Хилофати Араб нусхаи давлатдории Сосониён буда, танҳо бо иваз шудани ному унвонҳо вазъ дигар нашуда, дар иқтисодиёт ва хоҷагии деҳот ишғолгариҳои араб тақрибан дигаргуние накардаанд; 2) Дар саҳифаи 9-ум хатои техникӣ дар он ифода меёбад, ки давоми асарҳо бо ҷой доштан дар ин варақ ба саҳифаи дигар гузаронида шудааст; 3) Дар саҳифаи 35-ум хуб мешуд, ба мисли қисмати русии автореферат дар мавриди баёни муҳорибаҳои Қодисия, Наҳованд солҳои онҳо бо рақам нишон дода мешуд (628, 637, 643); 4) Хуб мешуд, ба номҳои ашхос ва мавзеъҳои ҷуғрофӣ, ки ду тарзи навишт доранд, аҳаммияти ҷиддӣ дода шуда, якранг карда мешуд.

2. Доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев **Ҳоҷибеков Э.** Тақриз мусбат буда, 2 эрод дорад. Эродҳо чунинанд: 1) Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои ҷузъӣ, ки аслан моҳияти техникӣ (партофта шудани ҳуруф) ва имлоӣ доранд, ба мушоҳида мерасад; 2) Дар зербоби аввали боби дувум шарҳи ҳодисаҳои таърихӣ фосилаи дуру дарози таърихиро дар бар гирифта, баъзан воқеаҳои таърихӣ аз маҳдудаи хронологӣ берун баромадааст. Хуб мешуд вобаста ба мазмуну муҳтавои асосии рисола воқеаҳои таърихӣ ихтисор карда мешуд.

3. Доктори илмҳои таърих, профессор, мудири кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон **Ҳомидзода Ф.** Тақриз мусбат буда, 2 эрод дорад. Эродҳо чунинанд: 1) Ба андшаи мо, дар автореферати диссертатсия таърихнигории муҳорибаи хунини Талас, ки соли 751 байни Хилофати араб ва империяи Тан ба амал омада, тақдири Мовароуннаҳрро ҳал намуд ва Суғд ба ҳайати Хилофат дохил шуд, аз мадди назари муаллиф дур мондааст; 2) Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ-техникӣ мушоҳида мешаванд, ки ислоҳи онҳо боиси боз ҳам баланд гардидани арзиши рисола хоҳад буд.

4. Доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи илмҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе **Шамолов А.А.** Тақриз мусбат буда, 2 эрод дорад. Эродҳо чунинанд: 1) Шарҳи сарчашма ва адабиёти илмӣ ҳам дар муқаддимаи кор ва ҳам дар зербобҳои боби аввал ба роҳ монда шудааст, ки мазмуну мундариҷаи онҳо бо ҳам монанд мебошанд; 2) Диссертант дар баррасии боби дуюм ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиву бухронҳои шадиди динӣ дар ҷомеаи сосонӣ зиёд мароқ зоҳир намуда, аз баррасии масъалаи асосӣ каме дур рафтааст; 3) Дар баррасии зербоби дуюми боби сеюм ба масъалаи мубориза҇ҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр ба муқобили истилогарони араб зиёд таваҷҷуҳ зоҳир намуда, нақши бумиёни Хуросону Мовароуннаҳрро дар муборизаҳои миллӣ-озодихоҳӣ аз будаш зиёд ба қалам додааст.

5. Доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи ватанӣ ва умумии Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия **Муҳиддинов С.** Тақриз мусбат буда, эрод надорад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ:**

Масъалаҳои «Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X» **коркард карда шуданд;**

**Исбот карда мешавад,** ки бори аввал дар илми таърихнигорӣ ва маъхазшиносӣ, заминаҳо, роҳҳо ва вижагиҳои гуногуни забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X таҳқиқ гардидаанд. Бо таҳлили сарчашмаву осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ навгониҳои илмии рисола дар самти таърихнигории вижагиҳои забткориҳои араб, муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X, заминаҳо ва омилҳои асосии ба ойини нав гаравидани мардумони бумии Хуросону Мовароуннаҳр, хусусият ва марҳилаҳои асосии муборизаҳои мардумии минтақа, моҳияти муборизаҳои озодихоҳӣ ва мақсаду вазифаҳои онҳо, нақши мазҳаби ҳанафия дар истиқрори ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр таҳқиқ ва муайян карда шудаанд.

**Пешниҳод карда мешавад,** ки замони он расидааст, ки дар Тоҷикистон тамоми осори марбут ба замони истилои араб ва истиқрори ислом бо алифбои имрӯзаи тоҷикӣ баргардон, тарҷума ва нашр карда шавад, то мардуми кишвар аз воқеяти таърих огоҳ шаванд. Таърихи раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр ва сабабҳои ба ин дин гаравидани тоҷикон мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, натиҷаҳои ин таҳқиқот дар маҷмуаи ҷудогона ба нашр расонда шавад. Дар чаҳорчӯбаи барнома ва лоиҳаҳои илмӣ замони паҳншавии ислом дар байни аҳолӣ аз нигоҳи донишмандони таърих, фалсафа, сиёсатшиносӣ ва забону адабиёт омӯхта шавад. Муборизаи аҷдоди тоҷикон алайҳи истилогарони аҷнабӣ дар таҳқиқоти ҷудогона баррасӣ ва арзёбӣ карда шавад. Аз рӯйи маводи бадастомада курси махсус барои донишҷӯёни факултетҳои таърих ва шарқшиносии муассисаҳои олии кишвар ба роҳ монда шавад. Доир ба нақши аҷдоди тоҷикон дар густариши ислом ва мазҳаби ҳанафия дар сарзамини Ҳиндустон ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ лоиҳаи илмӣ тарҳрезӣ гашта, натиҷаҳои он дар монографияи алоҳида ба нашр расонда шавад. Бори аввал аст, ки масъалаҳои мазкур аз ҷониби муаллиф дар чаҳорчӯбаи диссертатсияи докторӣ ҷорӣ карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот** ба таҳқиқи масъалаи муҳимми раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр бар асоси маълумоти манбаҳои таърихии давраи таҳқиқ ба забони форсию арабӣ, осори ҷуғрофӣ-таърихии сайёҳону муаррихони асрҳои миёна, таҳқиқотҳои олимону муҳаққиқони русу араб, аврупоӣ, амрикоӣ ва дастовардҳои илмии таърихнигорони ватанӣ такя мекунад. Мавзуи таҳқиқот аз таҳлили маводу манбаъҳои таърихии форсию арабӣ ва осори муҳаққиқони муосири ватанию хориҷӣ иборат мебошад ва раванди забткориҳои арабу муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳрро дар асоси вазифаҳои бамиёнгузошташуда, ки усулҳои шаффофият, таърихият ва мушаххасотро ба назар гирифтаанд, фаро мегирад.

Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки дар асоси таҳлилҳо ва таҳқиқҳо раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр муайян гардидааст. Омӯзиши таҳқиқоти мазкур ҳамчун мавзуи муҳимми таърихӣ, на танҳо аҳаммияти калони илмиву амалӣ дорад, балки барои равшан сохтани саҳифаҳои таҳқиқнагардида ва норавшани таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик, инчунин барои тарбияи наслҳои ҷавони имрӯза ва ояндаи миллат кумаки амалӣ хоҳад расонд.

Аҳаммияти дигари амалии рисолаи мазкур дар муаррифии аҳволу осори олимону мутафаккирони асрҳои миёнаи минтақа ва саҳми беназири онҳо дар ташаккул ва инкишофи улум иборат аст. Инчунин, таҳқиқоти мазкур метавонад зимни таҳияи корҳои илмӣ доир ба масълаҳои муҳимми таърихӣ ва фарҳанги халқи тоҷик ва мардумони ҳамҷавор тартиб додани барномаҳо, дастурҳои таълимӣ, таҳияи курсҳои махсус доир ба масъалаи забткориҳои араб дар минтақаи мавриди таҳқиқ барои донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад. Дар давоми чор соли охир натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф дар раванди таълиму тарбия дар факултаи таърихи ДМТ барои донишҷӯёни курси сеюм дар шакли «Курси махсус» ба таври васеъ **истифода шудаанд.**

Масъалаи «Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X» бори аввал дар асоси маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқони ватанию хориҷӣ таҳқиқу баррасӣ гардида, ҷойгоҳи ин масъала дар таърихи фарҳанги халқи тоҷик **баён гардидааст.**

«Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X» таҳқиқу баррасӣ гардида, паёмадҳои он барои миллати тоҷик **муайян карда шудааст.**

Дар диссертатсия тамоми паҳлӯҳои раванди забткориҳои араб, муборизаҳои озодихоҳии мардуми Хуросону Мовароуннаҳр ва паёмадҳои он барои минтақа дар асоси маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва нуқтаи назари муҳаққиқони ватанию хориҷӣ **омӯхта шудаанд.**

**Пешниҳод гардид,** ки бо мақсади мубориза бурдан алайҳи ифротгароӣ ва терроризм ва бедор кардани руҳияи ватандӯстии насли наврас омӯхтани давраи мазкур дар курсҳои кӯтоҳмуддат дар доираи барнома ва лоиҳаҳои махсус ба роҳ монда шавад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳияи диссертатсия сарчашмаҳои хаттии таърихӣ, дақиқияти маълумот, кифоя будани сарчашмаҳои таърихӣ, маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуктаҳои мавзуи таҳқиқшаванда, **истифода гардида,** хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Нуқтаҳои асосии пажӯҳиш дар конференсияҳо ва семинарҳои гуногуни илмию амалии донишгоҳию ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла дар маводи конференсияи байналмилалии «Ҷаҳонишавӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо дар

замони муосир» (16.05.2019, ш. Бохтар), онлайн-конфронси байналмилалии Британияи Кабир (Manchester, Great Britain: Peal Press Ltd., 2020. 1851 p. ISBN 978-0-216-01072-7. – P.698-706), онлайн-конфронси байналмилалии шаҳри Вашингтони Амрико (Scientific Collection «InterConf», (48):(April 4-5, 2021). USA: Washington, ISBN 979-1-293-10109-3USA. En Deavours Publisher, 2021. 1079 p. – P.361-365), конфронси илмӣ-назариявии байналмилалӣ «Бахшида ба 1050-солагии Абурайҳон Берунӣ» (20 майи 2023 ш. Душанбе), маводи конференсияи байналмилалии «Масъалаҳои мубрами таърих ва фарҳанги халқҳои Осиё Марказӣ» (24-25.10.2023, ш. Хуҷанд) ва дигар конфронсҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳии илмию назариявӣ баён шуда, бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр шудаанд. Ҳамзамон, муҳтавои диссертатсия дар 29 мақолаи илмӣ ва илмиву оммавие, ки 18-тои он дар нашрияҳои шомили маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст ва дар 3 монографияи муаллиф инъикос ёфтааст.

Дар маҷлиси 12 июни соли 2024 шурои диссертатсионӣ дар бораи сазовор донистани Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич ба дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: «тарафдор» – 15 нафар, «муқобил» – 1 нафар, «бюллетенҳои беэътибор» – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Расулиён Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Умаров А.Қ.**
12.06.2024